12295 - Шурути "Ло илоҳа иллаллоҳ"

савол

Лутфан шурути "Ло илоҳа иллаллоҳ" (илм, яқин ва ғайра)-ро эзоҳ диҳед.

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Шайх Ҳофиз Ал-Ҳакамӣ дар манзумаи худ "Сулламу-л-вусул" гуфтааст:

Илму яқину қабул ва таслим шудан, пас бидон он чизеро ки мегӯям.

Сидқу ихлосу муҳаббат. Аллоҳ туро дар анҷоми коре, ки дӯст медорад, муваффақ намояд.

Шарти аввал: Илм.

Илм бо маъноях, ки мақсад аз он нафй ва исбот буда ва он мухолифи нодонӣ аст.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

فَٱعۡلَمۡ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا ٱللَّهُ

سورة محمد: ١٩

«Пас бидон, ки маъбуде (ба ҳақ) ҷуз Аллоҳ нест». (Сураи Муҳаммад: 19).

Аллоҳ таъоло фармудааст:

إِلَّا مَن شَهِدَ بِٱلۡحَقِّ وَهُمۡ يَعۡلَمُونَ

سورة الزخرف: ٨٦

«Магар касоне, ки ба ҳақ (яъне ба ло илоҳа иллаллоҳ) гувоҳӣ диҳанд ва онон (бо

дилҳояшон маънои он чизеро, ки ба забон овардаанд) медонанд». (Сураи Зухруф: 86).

Дар саҳеҳ аз Усмон (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод ривоят) ривоят шудааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Ҳар касе, ки бимирад ва бидонад, ки ҳеҷ маъбуде бар ҳақ ҷуз Аллоҳ нест, вориди биҳишт мешавад».**

Шарти дуввум: Яқин.

Яъне гӯяндаи он ба маънои ин калима яқини қатъӣ дошта бошад, зеро барои имон танҳо илми яқин лозим аст ва илми гумонӣ кофӣ нест. Агар шак ба он дохил шавад, чӣ мешавад?

Аллоҳ таъоло фармудааст:

إِنَّمَا ٱلۡمُؤۡمِنُونَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ ثُمَّ لَمۡ يَرۡتَابُواْ وَجَٰهَدُواْ بِأَمۡوَٰلِهِمۡ وَأَنفُسِهِمۡ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِۚ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلصَّٰدِقُونَ

سورة الحجرات: ١٥

«Мӯъминон танҳо касоне ҳастанд, ки ба Аллоҳ ва расулаш имон овардаанд, сипас шакку тардиде накарданд ва бо молҳо ва ҷонҳояшон дар роҳи Аллоҳ ҷиҳод карданд, ҳамоно инҳо ростгӯёнанд». (Сураи Ҳуҷарот: 15).

Аллоҳ таъоло (дар ин оят) барои сидқи имонашон ба Аллоҳ ва расули Ӯ шарт гузоштааст, ки тардид накунанд, яъне шак накунанд, аммо шаккунанда аз ҷумлаи мунофиқон аст.

Ва дар саҳеҳ аз ҳадиси Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод ривоят) ривоят аст, ки расулаллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуде (бар ҳақ) ҷуз Аллоҳ нест ва ман фиристодаи Аллоҳ ҳастам. Ҳар бандае бо ин ду (яъне бо ин ду шаҳодат) бо Аллоҳ мулоқот бикунад ва дар он шакку шубҳае надошта бошад, вориди биҳишт хоҳад шуд».**

Ва дар ривояте омадааст: **«Ҳар бандае бо ин ду (яъне бо ин ду шаҳодат) бо Аллоҳ мулоқот кунад, дар ҳоле, ки дар он шакку шубҳае надошта бошад, аз дохил шудан ба биҳишт боздошта намешавад».**

Ҳамчунин дар ҳадиси тӯлонӣ аз ӯ (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят шудааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ӯро бо кафшҳояш фиристода, фармуд: **«Ҳар киро пушти ин девор дидӣ, ки гувоҳӣ медиҳад, ки ҳеҷ маъбуде бар ҳақ ҷуз Аллоҳ нест, дар ҳоле, ки бо қалбаш ба он яқин дошта бошад, ба биҳишт башорат бидеҳ».** (Ҳадис).

Дар ин ҳадис шарти ворид шудани гӯяндаи шаҳодат ба биҳишт гуфтани он аз рӯи яқин бо қалб, бидуни шакку шубҳа баён шудааст. Ҳар гоҳ шарт аз байн биравад, машрут ҳам аз байн меравад.

Шарти саввум: Қабул.

Муқтазои ин калима бо қалбу забон аст. Аллоҳ таъоло қиссаҳои умматони пешинро бароямон нақл намудааст, ки Ӯ қабулкунандагони ин калимаро наҷот додааст ва аз инкоркунандагони он интиқом гирифтааст.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

احْشُرُوا الَّذِينَ ظَلَمُوا وَأَزْوَاجَهُمْ وَمَا كَانُوا يَعْبُدُونَ مِن دُونِ اللَّهِ فَاهْدُوهُمْ إِلَى صِرَاطِ الْجَحِيمِ وَقِفُوهُمْ إِنَّهُم مَّسْئُولُونَ

«(Ба фариштагон фармон дода мешавад:) Золимон ва (ҳампоягон ва) амсолашонашро бо маъбудоне, ки ҷуз Аллоҳ мепарастиданд, гирд оваред, пас онҳоро ба сӯи роҳи дӯзах роҳнамой кунед. Ва онҳоро боздоред, ки ҳатман бозхост хоҳанд шуд».

То ояти зерин:

إِنَّهُمْ كَانُوا إِذَا قِيلَ لَهُمْ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ يَسْتَكْبِرُونَ وَيَقُولُونَ أَئِنَّا لَتَارِكُوا آلِهَتِنَا لِشَاعِرٍ مَّجْنُونٍ

«Онҳо (дар дунё чунон) буданд, ки чун ба онҳо гуфта мешуд: "Маъбуде (ба ҳақ) чуз Аллоҳ нест" саркашӣ (ва такаббур) мекарданд ва мегуфтанд: "Оё мо маъбудонамонро ба хотири (сухани) шоири девона раҳо кунем?"»

Аллоҳ таъоло ба мо хабар додааст, ки сабаби азоби онҳо такаббур варзидан аз гуфтани "ло илоҳа иллаллоҳ" ва инкор намудани касе, ки ин калимаро овард, мебошад. Онон он чиро ки он нафй намуд, нафй накарданд ва ончиро ки исбот намуд, исбот накарданд, балки аз рӯи

инкор ва такаббур гуфтанд:

أَجَعَلَ الْآلِهَةَ إِلَهًا وَاحِدًا إِنَّ هَذَا لَشَيْءٌ عُجَابٌ وَانطَلَقَ الْمَلَأُ مِنْهُمْ أَنِ امْشُوا وَاصْبِرُوا عَلَى آلِهَتِكُمْ إِنَّ هَذَا لَشَيْءٌ يُرَادُ مَا سَمِعْنَا بِهَذَا فِي الْمِلَّةِ الْآخِرَةِ إِنْ هَذَا إِلَّا اخْتِلَاقٌ

سورة ص: ٥ ـ ٧

«Оё (ҳама) маъбудонро як маъбуд қарор додааст? Воқеан ин чизи аҷибе аст. Ва бузургонашон ба роҳ афтоданд (ва гуфтанд:) "Биравед ва бар (парастиши) маъбудонатон пойдор бошед, бегумон ин (даъват) ҳамон чизе аст, ки хоста мешавад. Мо ин суханро дар оини вопасин нашунидаем. Ин ҷуз дурӯғ (чизе) нест». (Сураи Сод: 5 - 7).

Аллоҳ таъоло ин сухани ононро инкор кард ва сухани онҳоро бо забони паёмбараш (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) рад намуда, фармуд:

بَلْ جَاءَ بِالْحَقِّ وَصَدَّقَ الْمُرْسَلِينَ

سورة الصافات: ٣٧

«Балки паёмбар ҳақро овард ва паёмбаронро тасдиқ кард». (Сураи Соффот: 37).

Сипас оиди касоне, ки онро қабул кардаанд, фармуд:

إِلَّا عِبَادَ اللهِ الْمُخْلَصِينَ ۝ أُوْلَئِكَ لَهُمْ رِزْقٌ مَّعْلُومٌ ۝ فَوَاكِهُ وَهُم مُّكْرَمُونَ ۝ فِي جَنَّاتِ النَّعِيمِ

سورة الصافات: ٤٠ ـ ٤٢

«Магар бандагони мухлиси Аллоҳ. Онҳо ризқ ва рӯзии муайян доранд. (Анвои) меваҳо ва онон гиромӣ доштагонанд. Дар боғҳои пурнеъмати (биҳишт)». (Сураи Соффот: 40 - 42).

Дар саҳеҳ аз Абумӯсо (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят аст, ки мефармояд: **«Мисоли ҳидоят ва илме, ки маро бо он фиристод, ҳаммонанди борони зиёде аст, ки бар замине биборид, баъзеи он замин пок ва**

қобили кишт аст, обро қабул мекунад ва алафу гиёҳони зиёде мерӯянд ва баъзеи он замин шӯразор аст, ки на обро нигаҳ медорад ва на гиёҳе мерӯёнад ва он мисоли касест, ки дар дини Аллоҳ фақеҳ гардад ва илме, ки ман бо он фиристода шудаам, ба ӯ фоида расонида, онро дониста ва ба дигарон низ омӯхтааст. Мисоли касе, ки ба он илм беэътиной карда ва роҳи росте, ки ман овардаам, қабул накардааст».

Шарти чаҳорум: Таслим шудан.

Таслим шудан ба он чи ки ин калима далолат мекунад, бар хилофи тарк намудани он.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَمَن يُسْلِمْ وَجْهَهُ إِلَى اللهِ وَهُوَ مُحْسِنٌ فَقَدِ اسْتَمْسَكَ بِالْعُرْوَةِ الْوُثْقَى وَإِلَى اللهِ عَاقِبَةُ الْأُمُورِ

سورة لقمان: ٢٢

«Ва ҳар кас рӯи хешро таслими Аллоҳ кунад, дар ҳоле, ки некӯкор бошад, ба ростӣ ба дастовези маҳкаме (яъне ба ло илоҳа иллаллоҳ) чанг задааст ва саранҷоми (ҳамаи) корҳо ба сӯи Аллоҳ аст». (Сураи Луқмон: 22).

Маънои **"рӯи хешро таслим кунад"** яъне ба он гардан ниҳад, дар ҳоле ки некӯкор ва муваҳҳид аст. Ва ҳар кас рӯи хешро таслими Аллоҳ накунад ва некӯкор набошад, пас ӯ ба дастовези маҳкаме чанг назадааст ва ин ҳамон маъноест, ки Аллоҳ таъоло баъди он фармудааст:

وَمَن كَفَرَ فَلَا يَحْزُنكَ كُفْرُهُ إِلَيْنَا مَرْجِعُهُمْ فَنُنَبِّئُهُم بِمَا عَمِلُوا

سورة لقمان: ٢٣

«Ва ҳар кас кофир шавад, пас куфри ӯ туро ғамгин насозад. Бозгашти (ҳамаи) онон ба сӯи Мост, пас ононро аз он чи анҷом додаанд, огоҳ хоҳем кард». (Сураи Луқмон: 23).

Дар ҳадиси саҳеҳе омадааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Ҳеҷ касе аз шумо мӯъмин намешавад, то он даме, ки ҳаво ва ҳаваси ӯ тобеъ ва**

мувофиқи он чӣ ман овардаам, набошад».

Ва ин ҳамон инқиёд ва таслими комил мебошад.

Шарти панҷум: Сидқ.

Акси сидқ дурӯғ аст. Маънои он ин аст, ки ин суханро сидқан аз қалбаш бигӯяд, ки қалбу забон бо якдигар мувофиқат кунанд.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

الم ۝ أَحَسِبَ النَّاسُ أَن يُتْرَكُوا أَن يَقُولُوا آمَنَّا وَهُمْ لَا يُفْتَنُونَ ۝ وَلَقَدْ فَتَنَّا الَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ فَلَيَعْلَمَنَّ اللهُ الَّذِينَ صَدَقُوا وَلَيَعْلَمَنَّ الْكَاذِبِينَ

سورة الأعراف: ١ ـ ٣

«Алиф, лом, мим. Оё мардум пиндоштаанд, ҳамин ки бигӯянд: "Имон овардем" раҳо мешаванд ва озмуда намешаванд? Ва ба ростӣ касонеро, ки пеш аз онон буданд, озмудем ва албатта Аллоҳ касонеро, ки рост гуфтаанд, маълум мекунад ва дурӯғгӯёнро (низ) маълум месозад». (Сураи Аъроф: 1 - 3).

Дар шаъни мунофиқоне, ки ин суханро аз рӯи дурӯғ ба забон овардаанд, мефармояд:

وَمِنَ النَّاسِ مَن يَقُولُ آمَنَّا بِاللهِ وَبِالْيَوْمِ الآخِرِ وَمَا هُم بِمُؤْمِنِينَ ۝ يُخَادِعُونَ اللهَ وَالَّذِينَ آمَنُوا وَمَا يَخْدَعُونَ إِلاَّ أَنفُسَهُم وَمَا يَشْعُرُونَ ۝ فِي قُلُوبِهِم مَّرَضٌ فَزَادَهُمُ اللهُ مَرَضاً وَلَهُم عَذَابٌ أَلِيمٌ بِمَا كَانُوا يَكْذِبُونَ

سورة البقرة: ٧ ـ ١٠

«Гурӯҳе аз мардум мегӯянд: Мо ба Аллоҳ ва рӯзи растохез имон овардаем, вале мӯъмин нестанд. Онон (ба гумони худ) Аллоҳ ва мӯъминонро фиреб медиҳанд, дар ҳоле ки ҷуз худашонро фиреб намедиҳанд, вале намефаҳманд. Дар дилҳои онон беморӣ аст ва Аллоҳ ба бемории онон афзуд ва ба хотири дурӯғҳое, ки мегуфтанд, барояшон азоби дардноке аст». (Сураи Бақара: 7 - 10).

Дар "Саҳиҳайн" ("Саҳиҳ"-и Бухорӣ ва "Саҳиҳ"-и Муслим) аз Муоз ибни Ҷабал (Аллоҳ аз ӯ

хушнуд бод) аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят аст, ки мефармояд: **«Ҳеҷ касе нест, ки содиқона аз қалбаш гувоҳӣ диҳад, ки ҳеҷ маъбуде ба ҳақ ҷуз Аллоҳ нест ва Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, магар ин ки Аллоҳ ӯро бар оташи ҷаҳаннам ҳаром мегардонад».**

Шарти шашум: Ихлос.

Ихлос ин пок сохтани амал аз тамоми олудагиҳои ширк мебошад.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

أَلَا لِلَّهِ الدِّينُ الْخَالِصُ

سورة الزمر: ٣

«Огоҳ бошед, ки дини холис (ва холӣ аз ширк) аз они Аллоҳ аст». (Сураи Зумар: 3).

Аллоҳ таъоло фармудааст:

قُلِ ٱللَّهَ أَعْبُدُ مُخْلِصًا لَّهُۥ دِينِى

سورة الزمر: ١٤

«(Эй паёмбар!) Бигӯ: "Ман Аллоҳро мепарастам, дар ҳоле ки динамро барои Ӯ холис мегардонам"». (Сураи Зумар: 14).

Дар саҳеҳ аз Абуҳурайра аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят шудааст, ки мефармояд: **«Хушбахттарин мардум ба шафоати ман касест, ки холисона аз қалбу нафсаш бигӯяд, ки ҳеҷ маъбуде ба ҳақ ҷуз Аллоҳ нест».** ...

Шарти ҳафтум: Муҳаббат.

Дӯст доштани ин калима, муқтазо ва далолоти он ва ҳамчунин дӯст доштани аҳли ин калима, ки бо он амал мекунанду, ба шартҳои он пойбанданд ва бад дидани мухолифи он.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَمِنَ النَّاسِ مَن يَتَّخِذُ مِن دُونِ اللهِ أَندَادًا يُحِبُّونَهُمْ كَحُبِّ اللهِ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاۗ أَشَدُّ حُبًّا لِّلَّهِ

سورة البقرة: ١٦٥

«Ва аз мардум касоне ҳастанд, ки ба ҷуз Аллоҳ ҳамтоёне мегиранд, ки онҳоро монанди дӯст доштани Аллоҳ дӯст медоранд, вале касоне, ки имон овардаанд, Аллоҳро бештар дӯст медоранд». (Сураи Бақара: 165).

Аллоҳ таъоло хабар додааст, ки мӯъминон Аллоҳро бештар дӯст медоранд, зеро онон дар муҳаббати Ӯ каси дигареро шарик насохтаанд, на ба монанди даъвогарони муҳаббати Ӯ, ҳамон мушриконе ки ҷуз Аллоҳ ҳамтоёне гирифтанд, ки онҳоро монанди дӯст доштани Аллоҳ дӯст медоранд.

Дар "Саҳиҳайн" ("Саҳиҳ"-и Бухорӣ ва "Саҳиҳ"-и Муслим) аз Анас ривоят аст, ки мегӯяд: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «**Ҳеҷ касе аз шумо мӯъмин намешавад, то он даме, ки ман назди ӯ аз фарзанду падараш ва тамоми мардум маҳбубтар набошам».**

Аллоҳ донотар аст. Дуруди Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад бод.